Ба Шӯрои дисертатсионии
6D.KOA-012 назди ДДТТ
(Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061,
ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич дар мавзӯи «Таъмини кадрии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат.**

Дар шароити муосир савдои чакана ба суръати рушди иқтисод, фаъол шудани равандҳои бозор таъсири назаррас мерасонад, ба баланд шудани сатҳи рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ ва қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба молу хизматрасонӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ мусоидат мекунад. Нақши иҷтимоию иқтисодии савдои чакана аз он иборат аст, ки вай мунтазам молҳои дар корхонаҳои истеҳсолӣ сохташударо мефурӯшад, мувофикати талаботи аҳолӣ ва захираҳои иқтисодиро таъмин мекунад. Ба воситаи савдои чакана алоқаи соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ таъмин карда мешавад. Савдои чакана вазифаҳои аз ҷиҳати иҷтимоиро иҷро карда, ба кам ва окилона истифода бурдани вақти харидорон дар раванди харидани мол ёрӣ мерасонад. Дар марҳалаи муосири рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ омӯхтани проблемаҳои инкишофи савдои чаканафурушии молҳои истеъмолии халқ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Ба ин муносибат, ба назари мо, омузиши ҷиҳатҳои метододӣ ва амалии ташкил ва идораи савдои чаканафурушӣ вадар ин замина таъмини кадрии савдои чакана аҳамияти беш аз пешро пайдо мекунад.

Тавре маълум аст, яке аз самтҳои стратегии рушди савдои ҷумҳурӣ ин таъмини аҳолӣ бо молу маводҳои ниёзи мардум ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, сатҳу сифат ва суръатбахшии рушди мунтазами иқтисодиёти

кишвар бе кадрҳои салоҳиятнок ва таъмини пурраи ҳамаи соҳаҳо бо нерӯи кадрӣ ғайриимкон аст.

Соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ гуфта, он соҳаҳоеро меноманд, ки хусусияти стратегӣ доранд ва ҳамчун соҳаҳои базавӣ барои пешравии дигар соҳаҳои хоҷагии халқ хизмат намуда, дар кӯтоҳтарин муҳлат самараи иқтисодӣ медиҳанд. Ба андешаи муаллиф, вазъи муосири рушди савдои чаканаи кишвар нишон медиҳад, ки дар қатори дастоварду пешравиҳои муайян, дар ин зернизоми савдои дохилӣ, албатта, мушкилоту масоили ҳалталаб ҷой доранд, ки бо самтҳои гуногуни идоракунии он вобастагӣ дорад. Дар робита ба ин, қайд кардан зарур аст, ки низоми кадрии савдои чакана низ то андозае ба тақозои иқтисоди муосир ҷавобгӯй нест ва он ба такмили ҷанбаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ташкилӣ ниёз дорад.

Маҳз, мураккабии ҳалли масоил вобаста ба таъмини кадрии савдои чакана, зарурати таҳияи асосҳои консептуалӣ, такмили равишҳои назариявӣ ва методӣ ҷиҳати асоснокгардонии стратегияи ташаккули низоми таъмини кадрии субъектҳои савдои чакана мубрам будани мавзӯи диссертатсияро муайян менамоянд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки автореферати Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич таҳлили амиқи илмӣ ва омӯзиши усулҳои муосири татбиқро ифода намуда, хеле мубрам ва муҳим арзёбӣ мегардад.

Боиси тазаккур аст, ки дар автореферати мазкур мақсад, объект, предмет, усулҳои таҳлил, арзёбӣ, барассии масъалаҳо, навгониҳои илмӣ ва тавсияҳои ҷолиб дарҷ карда шудааст.

Хуллас бояд ибрози андеша намуд, ки новобаста аз оне, ки автореферат ҷаҳатҳои мусбат дорад, ҳамчунин камбудиҳои мазкур ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан бамаврид аст:

1.Дар автореферати диссертатсия (саҳ.16) зикр гардидааст, ки дар асоси пурсишномаи роҳбарону мутахассисони субъектҳои савдои чакана ва коршиносони соҳа ҳамчунин омилҳои ба низоми таъмини кадрии савдои чакана таъсиррасон ошкор гардидаанд. Аммо, нуқтаи назари муаллиф дар автореферат муфассал инъикос наёфтааст;

2. Нуқтаи назари муаллиф хеле ҷолиб аст, зеро кормандони соҳаи савдои чакана дар шароити муосир бояд дорои салоҳиятҳои рақамӣ бошанд. Аммо зери мафҳуми “салоҳиятҳои рақамӣ” матлаб тавзеҳ дода нашудааст.

Камбудиҳои мазкур то андозае характери тавсиявӣ дошта, ба инобат гирифтани онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани мантиқу сифати автореферат мусоидат менамояд.

Дар маҷмӯъ кори илмии Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич дар мавзӯи мубрам анҷом дода шудааст.

Автореферати дисссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат аст.

**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,**
**сарходими шуъбаи таҳқиқоти**
**муқоисавии иқтисодии Институти**
**иқтисодиёт ва демографияи Академияи**
**милии илмҳои Тоҷикистон** **Ҷонмамадов Ш. Б.**

**Имзои Ш. Ҷонмамадовро** тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
**Институти иқтисодиёт ва демографияи**
**Академияи милии илмҳои Тоҷикистон**
“16” 08 соли 2023 **Қурбонов Э**